**ТАҚРИЗ**

**муқарризи расмӣ ба рисолаи номзадии Сафаров Холмад Хоркашович дар мавзӯи «Таърих ва фарҳанги Роғ дар асри XIX ва ибтидои асри XX» барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.07 – мардумшиносӣ, этнология ва антропология (илмҳои таърих). Душанбе, 2022.**

Маводҳои этнографӣ дар омӯзиши этногенез, ҳувият ва фарҳанги моддию маънавии ҳар як халқ сарчашмаҳои муҳим ба ҳисоб меравaнд, ки дар раванди таҳқиқи масъалаҳои муҳими таърихӣ васеъ истифода мегарданд. Вобаста ба ин, зарур аст қайд намоем, ки айни замон низ бисёре аз хусусиятҳои хоси этнографии тоҷикони кӯҳистон ба таври пурра омӯхта нашудаанд ва минтақаи Роғ яке аз онҳо мебошад. Роғ яке аз минтақаҳои Бадахшон буда, дар раванди таърихӣ як қисми аҳолии он ба Даштиҷум кӯч бастанд.

Диссертатсияи Сафаров Холмад Хоркашович ба таҳқиқ ва инъикоси масъалаи фарҳанги анъанавии тоҷикони Роғи музофоти Бадахшони Афғонистон, ҳамчунин роғиҳои минтақаи Кӯлоб бахшида шуда, аҳамияти илмӣ дорад.

Диссертатсияи мазкур дар асоси сарчашмаҳои хаттӣ, таҳқиқоти олимони мардумшинос, бостоншинос ва маълумоти шифоҳии роғиҳои кӯҳансоли минтақаи Кӯлоб, ки муаллиф аз онҳо ҷамъоварӣ намудааст, омода гардидааст.

Объекти таҳқиқот таърих ва фарҳанги Роғ дар асри XIX – ибтидои асри XX буда, предмети он бошад омӯзиши таърих, ҷуғрофия, сохтори маъмурӣ, фарҳанги кишоварзӣ, ҳунармандӣ, тиҷорат, хӯрокпазӣ, ҷашну маросимҳо ва бозиҳои варзишии мардуми Роғро дар бар мегирад.

Мақсади таҳқиқот мавриди омӯзиш қарор додани таърих, фарҳанг ва расму оини мардуми Роғи охири асри XIX – ибтидои асри XX ба ҳисоб меравад.

Навоварии илмии таҳқиқот аз он иборат аст, ки дар диссертатсияи мазкур дар заминаи таҳлили доираи васеи манбаъҳои таърихӣ ва мардумшиносӣ таъриху фарҳанг ва расму русуми тоҷикони Роғ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Сохтори диссертатсия аз муққаддима, панҷ боб, хулоса, номгӯи маъхазҳо ва адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

**Дар муқаддимаи диссертатсия** муҳимияти мавзӯи таҳқиқот, дараҷаи омӯзиши илмӣ, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот, чорчӯбаи хронологӣ, объект ва мавзӯи таҳқиқот, заминаҳои методологии

диссертатсия, асоси манбаъвӣ, навоварии илмии кор, аҳаммияти назаривию амалӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот зикр шудааст.

Боби аввали диссертатсия ***"Ҷуғрофияи таърихӣ ва сохтори маъмурии Роғ дар асри XV ва ибтидои асри XX"*** ном дошта, он аз ду зербоб иборат мебошад.

Зербоби якуми боби якум ***"Роғи Бадахшон"*** ном дошта, дар он оид ба мавқеи ҷуғрофии Роғи Бадахшон, шароити табиӣ, кӯҳҳо ва дарёҳои он, ном ва шумораи деҳаҳо, шумораи аҳолӣ маълумот оварда шудааст. Масалан, диссертант қайд менамояд, ки минтақаи Роғи Афғонистон яке аз ноҳияҳои калони музофоти Бадахшон буда, шумораи аҳолиаш 37 ҳазор буда, аз 180 деҳа иборат аст.

**Зербоби дуюми боби аввал "Роғиҳои минтақаи Кӯлоб"** ном дошта, диссертант менависад, ки мутобиқи маълумоти муҳаққиқони соҳа гурӯҳи калони роғиҳо дар охири асри XIX бинобар камзаминӣ ва зулми афғонҳо аз Роғи Бадахшони Афғонистон кӯчида, ба Даштиҷум омада, маскан гирифтанд.

Муаллиф дар зербоби мазкур роҷеъ ба сохтори маъмурии Роғ маълумот пешкаш намуда, зикр менамояд, ки баъди шоҳ, мансаби вазир қарор дошт. Дастгоҳи идоравии шоҳигарии Роғ аз мансабдорони зерин иборат буд: девонбегӣ, закотчӣ, котиб, миршаб, мироб, амин, пойгирчӣ, қозӣ, муфтӣ ва раис. Воҳидҳои маъмурии маҳаллиро мирон ва миразорҳо идора мекарданд, ки дар ихтиёри худ мансабдорони дигарро доштанд. Дар деҳот бошад, арбоб, ришсафедҳо, оқсақолҳо дар ҳалли масъалаҳои хоҷагидорӣ, иҷтимоӣ ва риояи меъёрҳои ахлоқӣ нақши калон доштанд.

Боби дуюми диссертатсия ***"Кишоварзӣ дар Роғ дар асри XIX ва ибтидои асри XX"*** номгузорӣ шуда, он низ аз ду зербоб иборат аст.

Дар зербоби якуми боби дуюм ***"Маълумоти умумӣ дар бораи кишоварзии Роғ"*** оид ба анъанаҳои кишоварзии мардуми Роғ маълумот оварда шудааст. Аз ҷумла қайд карда мешавад, ки машғулияти асосии мардуми Роғ чорводорӣ, зироаткорӣ, боғдорӣ ва обчакорӣ ба ҳисоб мерафт. Роғиҳо гандум, ҷав, нахӯд, мош, арзан, қуноқ, тут, зардолу, себ, тарбуз, харбуза ва намудҳои дигари ғалладона, мева ва полезиҳоро парвариш мекарданд.

Заминҳо ба се категория ҷудо мешуданд: давлатӣ, хусусӣ ва вақфӣ. Заминҳои давлатӣ ба амирон, дарбориён, низомиёни олирутба ва заминҳои хусусӣ ба феодалон ва деҳқонон, заминҳои вақфӣ бошад ба муассисаҳои динӣ тааллуқ доштанд.

Дар зербоби дуюми боби дуюм ***"Мавсими киштукор, ҳосилғундорӣ ва асбобҳои кишоварзӣ"*** роҷеъ ба масъалаҳои кишту кори баҳорӣ ва тирамоҳӣ, ҳосилғундорӣ ва асбобҳои кишоварзӣ ахбор оварда шудааст.

Муаллифи диссертатсия, қайд менамояд, ки дар минтақаи мазкур дар боробари фаро расидани Иди Наврӯз мавсими киштукор сар мешавад, вале дар қисман ҷойҳои кӯҳистони Роғ мавсими киштукор аз сабаби сербарф будан дертар оғоз меёбад. Кишоварзон бошанд, ҳисоби вақтро тавассути солшумории шамсӣ ва солномаҳои мардумӣ мебурданд. Дар ин қисмати диссертатсия муаллиф оид ба киштукори ғалладона сухан ронда, аз шудгори замин то ғундоштани ҳосил ва ба хона кашондани он 12 марҳиларо ҷудо менамояд. Дар диссертатсия ҳамаи марҳилаҳо муфассал тавсиф шудаанд.

Масъалаи дигаре, ки ба он муҳаққиқ таваҷҷӯҳ намудааст, ин андоз аз ҳосил мебошад. Масалан, дар диссертатсия қайд гардидааст, ки кишоварзон аз заминҳои обӣ аз 5/1 ва аз заминҳои лалмӣ аз 10/1 ҳиссаи ҳосилро ба давлат медоданд. Ба ғайр аз ин, дигар шахсони масъул – доруға, оқсақол, домулло, мироб низ ҳақ мегирифтанд ва дарвешу қаландарҳо низ назр талаб мекарданд, инчунин, қалъапулӣ низ ситонда мешуд.

Асбобҳои кишоварзии мардуми Роғро тавсиф намуда, диссертант сохтору намуди нисбатан оддӣ ва анъанавӣ будаашонро муайян намудааст. Дар диссертатсия дар бораи шакл, чӣ тавр сохтан ва истифода бурдани ин асбобҳо маълумоти муфассал оварда шудааст.

Боби сеюми диссертатсия ***"Ҳунармандӣ ва тиҷорат"*** ном дошта, он аз ду зербоб иборат аст.

Зербоби якуми боби сеюм ба масъалаи ***"Ҳунармандӣ. Рушди шаклҳои гуногуни ҳунармандӣ"*** бахшида шудааст. Дар диссертатсия гуфта мешавад, ки дар Роғи охири асри XIX – ибтидои асри XX вобаста ба шароити табиӣ ва талаботи ҳаррӯзаи мардум, соҳаҳои гуногуни ҳунармандӣ инкишоф ёфта буданд. Диссертант, аз 50 намуди косибӣ ёдоварӣ намудааст, ба ин қатор соҳаҳои гуногуни бофандагӣ, рағзабофӣ, чармгарӣ, намадрезӣ, элаксозӣ, сабадбофӣ, собунпазӣ, кулолӣ, оҳангарӣ, мисгарӣ, дуредгарӣ дохил мешаванд. Дар маҷмӯъ бошад диссертант фарҳанги ҳунармандии тоҷикони Роғро ба чор намуд ҷудо кардааст: бофандагӣ, кулолгарӣ, оҳангарӣ ва дуредгарӣ.

Ҳайати ҳунармандон дар ин давра на танҳо мардон, балки занҳо низ ташкил дода, ҳунарҳои мардумӣ, махсусан, дар асрҳои XIX – XX хеле инкишоф ва таҷдид ёфта, талаботи моддии аҳолиро қонеъ

мегардонданд. Дар диссертатсия дар бораи ҳамаи ин ҳунарҳо маълумоти пурра оварда шудааст.

Дар зербоби дуюми боби сеюм ***“Тиҷорат. Ривоҷи тиҷорати дохилӣ ва берунмарзӣ”*** муносиботи тиҷоратӣ баррасӣ гардидаанд. Диссертант менависад, ки дар асри XIX – ибтидои асри XX тиҷорат дар Роғ на танҳо дар бозори дохилӣ, балки ба дигар ноҳияҳои атроф васеъ паҳн шуда, тараққӣ карда буд.

Тибқи маълумоти муаллиф сокинони Роғ ба Файзободу Яфтал ва дигар манотиқи Афғонистон ғалла, зағир ва меваҷоту зарфҳои сафолӣ бурда, мефурӯханд ё мубодилаи мол мекарданд. Тоҷирони Файзобод бошад аз Роғ пашм, мӯина, чорво, равғани зард, қурут харида, ба кишварҳои дигар, аз ҷумла, ба Бухоро ва Ҳиндустон бурда мефурӯханд. Ба ноҳияи Роғ ба воситаи Файзобод молҳои бухороӣ ва русӣ ворид мешуданд, ки ин барои баланд шудани сатҳи зиндагии аҳолӣ мусоидат менамуд.

Боби чоруми диссертатсия ***“Хӯрокҳои анъанавии Роғ”*** аз ду зербоб иборат мебошад.

Дар зербоби якуми боби чорум ***“Намудҳои гизоҳои ордӣ”*** оид ба ғизоҳои аз орд тайёр кардашуда маълумот дода мешавад, ки аз рӯи хулосаҳои диссертант маълум мегардад, ки дар асри XIX ва ибтидои асри XX анъанаи хӯрокпазии кадбонувони тоҷикони Роғ хусусияти хоси худро, ки аз умқи асрҳо маншаъ мегирад, нигоҳ доштаанд.

Бештари хӯрокҳои аҳолии ноҳияи Роғ вобаста ба шароити кӯҳистон аз маҳсулоти маҳаллии кишоварзӣ ва чорводорӣ бо истифодаи васеи гиёҳҳои табиӣ тайёр карда мешуданд. Маъмултарин ва серистеъмолтарин ғизо нони гандумӣ буд, ки кадбонуҳо 15 намуди онро тайёр мекарданд, аз ҷумла чапотӣ, нони ғафсак, чанд намуди фатир, кулча, товагӣ, қалама ва ғайра.

Аҳолии ноҳияи Роғ на танҳо аз орди гандум, балки аз орди ҷав, орди нахӯд, ҷуворӣ, арзан низ нону фатир тайёр менамуданд. Ҳар намуди нон ба таври махсус, барои тӯй ё ҷашнҳои мавсимӣ тайёр карда мешуд, ки анъанаҳои гузаштагони худро мерос гирифта, дар тӯли зиндагӣ онро низ такмил додаанд.

Зербоби дуюми боби чорум ***”Намудҳои хӯрок”*** дар асоси маводҳои хаттӣ, этнографӣ ва манбаъҳои тасвирӣ тартиб дода шудааст. Дар хӯрокҳои тоҷикони ноҳияи Роғ шаклҳо ва дигаргуниҳои иҷтимоӣ, ҷузъиёт дида мешавад. Хӯрокҳо ба чунин намудҳо ҷудо мешуданд: хамирӣ, донагӣ, ширӣ, ғизоҳои равғанӣ, гӯштӣ.

Аз ғизоҳои мавсимӣ инчунин суманак, ҳалво ва дигари намуд, анвоҳо низ мавҷуд буданд. Ҳар як намуди хӯрок вобаста ба фаслҳои сол, ҷашнҳои мавсимӣ ва тӯю хурсандиҳо тайёр карда мешуд. Диссертант менависад, ки як қисми хӯрокҳои мардуми Роғ то имрӯз аз байн рафтаанд. Дар диссертатсия доир ба тарзи тайёр кардан ва истеъмол намудани ин ғизоҳо маълумоти муфассал дода шудааст.

Боби панҷуми диссертатсия ***“Анъана ва маросимҳои миллӣ”*** ҳам аз ду зербоб иборат аст.

Дар зербоби якуми боби панҷум ***”Ҷашну маросимҳо”*** ҷашну маросимҳои марбут ба фаслҳои сол: бориши барфи аввал (барфӣ), фарорасии соли нав ва баҳор (Наврӯз, гулгардонӣ), хостани борон (ашаглон) ва ҷашнҳои оилавӣ аз таваллуди кӯдак (гаҳворабандон), хатнасур ва то сури арусӣ таҳқиқ ва баррасӣ карда шудаанд. Муҳимтарин ҷашни оилавӣ сури арӯсӣ ба ҳисоб меравад, ки ба 16 марҳила, аз интихоби арӯс, хостгорӣ ва то ба хонаи домод бурдани арӯсро дар бар мегирифт. Дар ин ҷашну маросимҳо анъанаҳо ва фарҳанги қадимаи мардумӣ инъкос ёфтааст.

Зербоби дуюми боби панҷум ***”Варзиш”*** ба бозиҳои варзишӣ, аз қабили рустшавакон, алазод, тути кал, кечбозӣ, буҷилбозӣ, чиликбозӣ, бандкашӣ, камонварӣ, гӯштингирӣ, бузкашӣ ва пойгаи асп, ки хусусияти зеҳнӣ ва хусусияти варзишӣ дошта, барои инкишофи бадан ва тарбияи далерӣ равона шуда буданд, бахшида шудааст.

Дар хулосаи диссертатсия фикри ҷамъбастии муаллиф оид ба мавзуъ оварда шуда, пешниҳодҳои назариявӣ ва тавсияҳои амалии ӯ низ муфид мебошанд.

Ҳамин тавр, рисолаи Сафаров Холмад  Хоркашович мувофиқ ба талабот ва меъёрҳои муайяншудаи марбут ба диссертсияҳои номзадии КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро шуда, комилан ҷавобгӯи он мебошад. Дар таърихнигории тоҷик мавзӯи мазкур бори нахуст объекти таҳқиқот интихоб гардидааст. Мазмуни автореферат бо диссертатсия мувофиқ мебошад. Диссертант оид ба рисолаи худ 1 монография, 5 мақоларо дар маҷаллаҳои тақризшаванда КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 6 мақоларо дар дигар нашрияҳо аз чоп баровардааст.

Дар баробари муваффақияту дастовардҳо дар диссертатсия камбудию норасоиҳои зудислоҳшаванда низ ба назар мерасанд, ки инҳо мебошанд:

1. Мубрамияти мавзӯи таҳқиқот дақиқ нишон дода нашудааст, инчунин дар кор аз таҳқиқоти саҳроии диссертант роҷеъ ба

мардуми Роғи Бадахшони Афғонистон истифода нашудааст, муаллиф танҳо оид ба роғиҳои минтақаи Кӯлоб таҳқиқоти саҳрӣ анҷом додааст.

2. Баъзе қайдҳои диссертант тавзеҳталабанд, масалан диссертант менависад, ки "тоҷикони Бадахшон ва Тоҷикистон дар асри XIX – ибтидои асри XX" ё замоне ки сухан дар бораи раванди муҳоҷирати роғиҳо ба минтақаи Кӯлоб меравад, дар диссертатсия зикр шудааст, ки "маҳз дар ҳамин давра омезиши (синтез) анъанаҳои миллии аҳолии Роғ бо дигар халқиятҳои дар соҳили рости дарёи Панҷ буда ба вуҷуд омад". Аммо маълум аст, ки дар ҳар ду соҳили Панҷ тоҷикон ба сар мебурданд.
3. Дар параграфи аввали боби якум тартиби хронологии баёни мавзуъ риоя нашудааст, диссертант аввал роҷеъ ба тақсимоти соли 1895 сухан ронда, баъд ба муайян намудани сатҳи инъикоси таърихи Роғ дар Авесто, сарчашмаҳои асрмиёнагӣ ва дигар маъхазҳои таърихӣ мепардозад. Мувофиқи мазмуни он беҳтар мешуд номи параграф ба "Инъикоси таърих ва ҷуғрофияи Роғи Бадахшон дар сарчашмаҳои таърихӣ" иваз карда мешуд.
4. Ақидаи муаллиф роҷеъ ба он ки вожаи *нана* баромадаш аз "модархудои сокинони Бобул буда, дар замонҳои қадим ба Суғду Бохтар паҳн шуда, ба образи эзиди зардуштӣ Анаҳито омехта шуда, мавриди парастиш қарор мегирад", дуруст нест. Зеро вожаҳои "нана", "нан", "ма", "мо" баромаду решаи ориёӣ дошта, дар байни тоҷикони Даштиҷум, тоҷикони яғнобӣ, рушонӣ, вахонӣ ва шуғнонӣ айни замон ҳам пурра мавриди истифода қарор доранд, ки дар забони имрӯзаи форсии тоҷикӣ "модар"-ро ифода мекунанд.
5. Дар диссертатсия касби боғдории мардуми Роғ танҳо дар як сархат оварда шуда, роҷеъ ба шуғли чорводории онҳо умуман маълумот дода нашудааст. Хуб мешуд, ки масъалаҳои боғдорӣ ва чорводории мардуми Роғ дар параграфҳои алоҳида таҳқиқ карда мешуд.
6. Дар матни диссертатсия камбудиҳои техникию имлоӣ ҷой доранд.

Аммо эродҳои овардашуда ҳаргиз қимати илмии диссертатсияро кам намегардонанд, онҳо зуд ислоҳшаванда буда, муаллиф метавонад дар вақти ба нашр пешниҳод намудани монография онҳоро бартараф намояд.

Хулоса, диссертатсияи Сафаров Холмад Хоркашович дар мавзӯи «Таърих ва фарҳанги Роғ дар асри XIX ва ибтидои асри XX» ба бандҳои 10, 11, 12 ва 16 - и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри

соли 2016 таҳти № 505 ба тавсиб расидааст, комилан ҷавобгӯ буда, муаллифи он – Сафаров Холмад Хоркашович – сазовори гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.07 – мардумшиносӣ, этнология ва антропология (илмҳои таърих) мебошад.

**Муқарризи расмӣ,**
**мудири кафедраи таърихи умумӣ**
**ва муносибатҳои байналхалқии**
**ДДОТ ба номи С. Айнӣ,**
**номзади илмҳои таърих,**
**дотсент** **Сайнаков**
**Сайнак Парпишоевич**

**Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121,
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ,
тел.: + 992 934162099
E-mail: saynakov2012@mail.ru

**Тасдиқ мекунам:**
**Сардори шуъбаи кадрҳо**
**ва корҳои махсуси ДДОТ**
**ба номи Садриддин Айнӣ** **Назаров**
**Давлатхон Қурбонмуродович**

**«____» _____________ 2022 с.**